**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Шоҳмуҳаммад Сафар дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ)пешниҳод гардидааст.

Дар байни синфҳои пайвастагиҳои органикӣ синфи пайвастагиҳои гетеросиклӣ ҷойи махсусро ишғол кардааст, ки бештари онҳои хусусиятҳои баланди биологиро зоҳир менамоянд. Аз ҷумлаи ин пайвастагиҳои гетеросиклӣ гетеросиклҳои панҷузваи ду гетероатомдоштаи 1,3,4-тадиазол дорои спектори васеъ ва хосияти баланди биологиро доро мебошанд, ки дар соҳаҳои гуногун азҷумла дар соҳаи тиб, тиббӣ-бойтори, кишоварзӣ ва дорусозӣ истифода мебаранд. Олимони соҳаи химияи органикӣ ва фарматсевтиро водор менамояд, ки зуҳуроти амрози сироятие, ки дар замони муосир ҷомиаи башариро ба изтироб дучор намудааст, ки ҷиҳати бартарафсозии амрози сироятии шеваи вирусологӣ ва бактериологӣ доштаро аз пайвастагиҳои гетеросиклие истифода намоянд, ки аз ҷиҳати биологӣ беҳтар бошанд. Аз пайвастагиҳои имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазолӣ, ки хосиятҳои намоёни биологиро нисбат ба ҳосилаҳои 1,3,4-тиадиазолӣ зиёдтар зоҳир менамоянд, бештар дар соҳаҳои тибб тиббӣ-бойтори ва хоҷагии халқ васеъ истифода мешаванд. Ҳосилаҳои имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазолӣ яке аз ҷузъи сохтории левимазол буда, дорои таъсири имунноимунӣ, имконияти зидди илтиҳобӣ ва захрнокии паст мебошад.

Кори диссертатсионии Ш.С. Сафарзода ба синтез ва омӯзиши химиявӣ, физикавӣ ва биологии ҳосилаҳои 6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол, ки дар асоси реаксияи сиклизатсияи 2-амино-5-бром 1,3,4 тиадиазол ва параметилфенатсилбромид ҳосил шудааст бахшида шудааст. Ҳосилаҳои 1,3,4-тиадиазолӣ ва пайвастагиҳои тарокумии онҳо заминаи асосии синтези ҳосилаҳои гуногуни гетеросиклӣ маҳсуб меёбанд, ки дар коркарди маводҳои биотиббӣ нақши муасирро доранд.

Натиҷаҳои муҳими кори диссертасионии Сафарзода Ш.С. дар он аст, ки қонунияти вобастагии байни сохт ва фаъолияти биологии ҳосилаҳои 6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазоли омӯхташударо ошкор кардааст. Натиҷаи хусусияти биологи дар шароити *in silico, in vitro ва in vivo* омӯзиши фаъолияти зиддитуперкулёзӣ, зиддидиабетии, зиддибактериявӣ ва омузиши хусусияти морфологии растании гандуми ватании навъи "Ормон" дар асоси ҳосилаҳои 6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазоли таҳқиқшуда нишон додаанд, ки баъзе аз ҳосилаҳои пайвастагиҳои мазкур хосияти баланди биологиро зоҳир менамоянд.

Аз натиҷаҳои бадастомадаи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертатсионии Сафарзода Ш. С., ки дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назарияви иҷрокарда шудаанд, натиҷаҳо ва шаҳру эзоҳоти онҳо, инчунин хулосаҳои баровардашуда бо эътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои дар автореферати диссертатсия аз норасоиҳо, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонанд. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Эродҳо чунинанд:

1. Муаллиф реаксияҳои дар кори автореферат овардашударо ба таври умуми овардааст, хуб мешуд, ки механизми реаксияҳо ва намудҳои реаксияҳоро бо таври оди ва омафаҳм меовард.
2. Механизми таъсири хусусиятҳои бактероистаткӣ ва бактероисидии моддаҳои таҳқиқшаванда нисбат ба тестштамҳо оварда нашудааст.

Дар умум, автореферати кори диссертатсионии Сафарзода Шоҳмуҳаммад Сафар дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия

(6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои докторӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои фарматсевтӣ, дотсент
аз рӯйи ихтисоси 3.4.2–Химияи
фарматсевтӣ ва фармакогнозия, мудири
кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии
МДТ ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино Наврӯззода Г.Ф.

Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Шукуфон 39.
Тел.: (+992) 934 69 58 58,
E-mail: ganga-tj@mail.ru

«_13_» ____04____ соли 2026

имзои/подпись Наврўззода Г.Ф.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
„___“ ________ 20__ с/г